# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи “Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ**

Сахиёр Раҳимуллоҳ аз соли 2021 доктор PhD-и кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, рисолаи илмии худро дар мавзуи “Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ барои баррасӣ пешниҳод намудааст.

Неруи инсонӣ ва ҷамъияти фаъоли ҳар ҷомеа дар фароянди тавлид нақши босазое дорад ва падидоварандаи аслии сарват ва муҳаррики бевоситаи иқтисод маҳсуб гашта, сатҳу мизони истеҳсолоти миллии ҳар кишвар низ ба дониш ва огоҳии фаннию имконоти истеҳсолии ҷамъияти фаъоли он вобаста аст. Ба ибораи дигар, вусъат ва рушду инкишофи иқтисодии ҳар кишвар дар баробари сармоя ва технология ба неруи инсонии коромад (самаранок) ва мутахассис ниёз дорад. Масъалаи таъмини одамон бо кор ва баҳси бекорӣ яке аз муҳимтарин масоили ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, боиси нигаронӣ ва ташвишҳои зиёди афроди ҷомеа ва давлатҳо гашта, дар кишварҳои мухталиф доир ба ин масъала назарияҳо падид омада, таҳқиқоти гуногун анҷом дода шудаанд. Ҳар ҷомеае барои идомаи ҳаёт ва бақо ба кору фаъолияти мардум ва масъулон эҳтиёҷ дорад. Ниёз ба кор аз замонҳои қадим вуҷуд доштааст ва он як бахши муҳимми зиндагии инсонро дар бар мегирад.

Кор яке аз мафҳумҳои асосии илми ҷомеашиносӣ мебошад. Кор сармоя ва захираи миллӣ аст ва метавонад ба рушду пешрафти тамаддун таъсири бузург расонад. Агар афроди ҷомеа ба таври нисбӣ мувофиқи майлу истеъдод ва тавоноиҳои шахсӣ машғули кори муносиб бошанд, дар ҷомеа барои навоварӣ, ибтикор, рушду пешрафтӣ сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ замина ба вуҷуд меояд. Вале агар заминаҳои шуғлу кор дар ҷомеа маҳдуд ва талабот барои кор бисёр бошад, ба тадриҷ бекорӣ афзоиш меёбад. Бекорӣ мушкилии иҷтимоӣ аст, ки ҳам осебҳои ҷиддии фардӣ ва ҳам осебҳои

иҷтимоии қобили мулоҳизае ба бор меоварад. Бекорӣ ҳамеша ба фард чи аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва чи аз ҷиҳати руҳӣ ва равонӣ бадтарин таъсиротро мегузорад, ки оқибати он ба осонӣ ҷуброн намегардад. Бекорӣ боиси сар задани парешонҳолӣ, депрессияи равонӣ мешавад ва ин нокомиҳо ва нуқсҳо дар ҷисму ҷони ашхос батадриҷ реша медавонанд.

Бекорӣ ба маҳорату қобилиятҳои фард осеб расонида, саломатии равонии ӯро табоҳ ва халалдор месозад. Умеду орзуҳои ӯро барбод медиҳад. Бекорӣ шавқу завқи зиндагиро барҳам зада, қудрати иродаи фардро заиф мекунад. Бекорӣ аз як тараф, омили асосии бечорагии фарди бекор аст, аз тарафи дигар, аз ҷиҳати равонӣ шахси бекор худро ҳақир, зиёндидаву зиёнкор мешуморад ва аз ҷомеа кор талаб мекунад ва чун ҷомеаро сабаби маҳрумияти худ мепиндорад, навъе эҳсоси интиқомгирӣ дар ӯ парвариш меёбад. Бо таваҷҷуҳ ба вазъи бекорӣ дар кишварҳои ҷаҳони сеюм ва ҳамчунин кишвари Афғонистон таваҷҷуҳ ба ин масъала аҳамияти хоссе дорад ва ниёзи расидан ба як роҳи кор ҷиҳати коҳиши бекорӣ дар кишвар бисёр зарурӣ аст, ки бар аҳамияти ин мавзуъ далолат мекунад. Муҳаққиқи рисола ба хулосае меояд, ки Афғонистон аз ҷиҳати захираҳои табиӣ ва неруи корӣ кишвари камбизоат нест, аммо бо сабаби омилҳои мухталиф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳама гуна зироаткорӣ хеле ақиб мондааст. Кишоварзӣ ҳанӯз бисьёр камбудиҳо дорад ва инкишоф наёфтааст, ҳукумат дар зери фишор аст ва дар бозор қудрати бо маҳсулоти воридотии корхонаҳои калон ва маҳсулоти аълосифати онҳо рақобат карданро надорад. Дар натиҷа, дар солҳои охир дар баробари таъсири манфии сиёсати нодурусти хусусигардонӣ, бисёре аз корхонаҳо ва корхонаҳои кишвар бар асари рақобатпазирӣ муфлис ва ғайрифаъол шуданд. Ин боиси беҳуда сарф шудани маблағи бисёр ва рукуди истеҳсолот гардида, сафи афзудаистодаи бекоронро низ беш аз пеш зиёд кард.

Набудани шуғли муносиб барои одамони соҳибихтисос ва майли кор, қувваи кории рӯз то рӯз афзоянда мушкилоти асосии кишвар мебошад. Бекорӣ аз як сӯ, ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии афрод ва хонаводаҳо таъсири мустақим дошта бошад, аз сӯйи дигар, як мушкили ҷиддии ҷомеа маҳсуб мешавад, ки дар бисёр мавридҳо, аз қабили фасоди ахлоқӣ, дуздӣ,

ғоратгарӣ, ришвахорӣ ва ҷинояткорӣ аз он сарчашма мегиранд. Бекорӣ боиси мушкилоти равонӣ, пошхӯрӣ ва бесарусомонӣ дар оила мегардад.

Диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ аз муқаддима, ду боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддимаи кор мубрамияти омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия барасӣ гардидааст.

Диссертант Сахиёр Раҳимуллоҳ дар боби аввал ва параграфҳои алоҳидаи он асосҳои назариявӣ-методологии **“Омӯзиши назариявию психологии робитаи бекорӣ бо депрессия ва таъсири психологии онҳо ба ҷавонон”**-ро мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар диссертатсия хусусиятҳои робитаи бекорӣ бо депрессия дар шароити марҳилаи гузариши ҷомеа, дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа, нишон дода шудаанд. Ба андешаи диссертант бекорӣ бо дараҷаи депрессия робитаи манфии назаррас дорад, яъне натиҷаи бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар қадар ҷавонон ба кор машғул шаванд, ҳамон қадар сатҳи депрессияи онҳо паст мешавад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сахиёр Раҳимуллоҳ дар кори илмии худ зикр мекунад, ки “ҷавононе, ки вазъияти иқтисодӣ ва некӯаҳволии иҷтимоии онҳо зери таъсири манфии бекорӣ қарор гирифта буд, гирифтори депрессия нашуданд ва муносибат нишон дод, ки ҷанбаи вазъи иқтисодӣ бо некӯаҳволии иҷтимоӣ робитаи қавӣ дорад. Яъне агар ба ҳар роҳе, вазъи иқтисодӣ ва некӯаҳволӣ иҷтимоӣ беҳтар бошад, сатҳи депрессия пасттар мешавад. Дар ин қисми диссертатсия, диссертант ба натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи олимони хориҷӣ такя намуда, аз далелҳои илмӣ васеъ истифода бурдааст.

Муҳаққиқ дар боби дуюм диссертатсия – “**Ташкили тақиқоти масъалаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонон**” **номгузори карда** дар ин боб дар бораи усули таҳқиқот, маълумоти оморӣ, андозаи намуна, тарзи интихоб, васоити ҷамъоварии иттилоот, эътибор ва эътимоднокии воситаҳои таҳқиқот, равишҳои тавсифӣ ва мантиқии оморӣ ва усули таҳлили маълумот сухан меравад. Дар баробари ин омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии бартараф намудани зуҳуроти бекорӣ дар миёни ҷавононро дар ҷомеа таҳқиқ намудааст.

Дар диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дар доираи таҳқиқоти мазкур методҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, таҳлилӣ, мантиқию муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ, умумиятдиҳӣ, принсипи таърихият ва равиши сохторӣ-функсионалӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон ҳангоми омӯзиши мавзуи диссертатсия аз методҳои таҳқиқоти психологӣ, мисли мушоҳида, муқоиса, омор васеъ истифода шудааст.

Диссертант дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти психологии ба ин масъала бахшидашуда ва таҳқиқоти назариявии мавҷудаю дастрас барои пешгирӣ ва бартараф намудани мушкилоти бекори ҷавонони дар ҷомеаи Афғонистон як қатор тавсияҳои асоснокро пешниҳод менамояд. Дар хулосаи диссертатсия фишурдаи тамоми масъалаҳои дар бобҳо ва параграфҳо таҳқиқшуда ба таври мухтасар инъикос гардидааст.

Сахиёр Раҳимуллоҳ дар навиштани диссертатсия барои тақвияти идеяҳои худ аз адабиёти зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ, маводи интернетӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ истифода бурдааст. Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ иҷро шуда, дорои навгониҳо мебошад. Диссертант ҳангоми навиштани диссертатсия, донишҳои амиқи тахассусӣ, маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилнамоӣ, қобилияти баланди мустақилона гузаронидани таҳқиқоти илмиро нишон додааст. Натиҷа ва хулосаҳои бадастовардаи диссертант асоснок мебошанд ва диссертатсия кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи пешниҳод ва нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашуда асоснок буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ тасдиқ шудаанд ва аҳамияти илмӣ доранд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд. Мавзуъ, ихтисоси илмии интихобшуда, мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ ба шиносномаи ихтисос мувофиқат менамояд ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи “**Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул**” таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси **6D050305** – Психологияи иҷтимоӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи психологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҷабзода Н.М.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**Тел.:** (+992) 93-533-04-02

**Имзои д.и.ф., дотсент Н.М.Раҷабзодаро-ро**
**тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
_______________ Э. Тавқиев 29.11.2024